# ХУЛОСАИ
## Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи диссертатсионии №_____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз
16 сентябри соли 2025, №

Барои сазовор донистани Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф дар мавзуи «Ақидаҳои давлатӣ – ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ» аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар таърихи 17 июни соли 2025, суратмаҷлиси № 80 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, № 16/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф 29 сентябри соли 1986 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2008 ба Донишкадаи Исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам аз руйи ихтисоси диншиносӣ дохил шуда, Донишгоҳро бо дипломи аъло хатм кардааст. Инчунин соли 2016 ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, Донишгоҳи мазкурро соли 2019 аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшинос бо муваффақият хатм намудааст.

Моҳи сентябри соли 2017 ба ҳайси ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва ҳуқуқ дар Коллеҷи техникии Донишгоҳи Техникии ба номи академик М. Осимӣ ба фаъолияти меҳнатӣ шуруъ намуда, то ин ҷониб дар кафедраи мазкур фаъолият намуда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:**

**Азиззода Убайдулло Абдулло** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи милии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

– **Диноршоҳ Азиз Мусо** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини аввал, муовини директори иҷроия оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои байналмилалии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе;

– **Кенҷазода Шуҳрат Юсуф** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – муассисаи таҳсилоти олии касбии “Академияи идоракунии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”.

Дар хулосаи мусбати муассисаи пешбар, ки аз ҷониби ташхисгар Холинова М. М. Мудири кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ихтисос: 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат) омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдулхонов Ф.М. ва котиби ҷаласа, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Солиева Н. Ш. имзо ва аз ҷониби ректори «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», дотсент Сафарзода Даврон Ҷурахон санаи 15 августи соли 2025 тасдиқ шудааст, қайд гардидааст, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Диссертатсия мустақилона аз ҷониби муаллиф таҳия шуда, мазмуни ягонаи дохилӣ ва мантиқӣ дорад. Навгониҳои таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, таҳлили илмии қонунгузорӣ, пешниҳоди хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ, пешниҳоди маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмии байналмилалию ҷумҳуриявӣ аз саҳми шахсии муаллиф шаҳодат медиҳанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф оид ба мавзуи диссертатсия 15 интишороти илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст. Интишороти довталаби дараҷаи илмӣ Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф нуқтаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**
**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-А].** Калонов, Ф.М. Афкори ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. [Матн] / Ф.М. Калонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикисон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2019. – № 8. – С. 235-239, ISSN 2074-1847.

**[2-М].** Азиззода У.А., Калонов Ф.М. Мавқеи таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии Шарқ. [Матн] / У.А. Азиззода, Ф.М. Калонов // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. (Маҷаллаи илмӣ-амалӣ). 2022. – № 3(27). – С. 48-59, ISSN 2414-9217.

**[3-М].** Калонов Ф.М. Инъикоси маърифати ҳуқуқӣ ва вазъи сиёсии асри XIV дар эҷодиёти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. [Матн] / Ф.М. Калонов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. 2024. – № 4(16). – С. 161-166, ISSN 2219-5408.

**[4-М].** Калонов Ф.М. Мафҳуми давлат ва ҳокимият дар таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. [Матн] / Ф.М. Калонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикисон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2025. – № 1. – С. 242-247, ISSN 2074-1847.

**[5-М].** Калонов Ф.М. Таносуби ҳуқуқ, ахлоқ ва сиёсат дар таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. [Матн] / Ф.М. Калонов // Идракунии давлатӣ. 2025 / №1 (72). – С. 274-281., Ҷ.С. Асосҳои ҳуқуқӣ ва принсипҳои маҳдудсозии ҳуқуқ ва озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон [Матн] / Ҷ.С. Курбонов // Ҳаётӣ ҳуқуқӣ. – 2022. – №4 (40). – С. 103-114, ISSN 2307-5198.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[6-М].** Калонов Ф.М. Нақши давлат ва ҳуқуқ дар осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ бахшида ба таҷлили ҳуқуқи инсон. (7 декабри соли 2020). Душанбе, С. 433-440. (Сах умуми 510).

**[7-М].** Калонов, Ф.М. Мирзозода А.С. Иъникоси давлат ва ҳуқуқ дар асарҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Нақши солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар таҳким ва такомули соҳаҳои ҳаётан муҳими хоҷагии халқи мамлакат» (27 уми декабри соли 2021). – Душанбе, 2021. – С.137-139.

**[8-М].** Калонов Ф.М., Салимов С. Андешаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ дар афкори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021». – (27 уми феврали соли 2021) – Душанбе, 2021. – С. 51-54.

**[9-М].** Калонов Ф.М., Шокирова С. Муносибати мутақобилаи ахлоқ ва ҳуқуқ. // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Нақши солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ дар таҳким ва такомули соҳаҳои ҳаётан муҳими хоҷагии халқи мамлакат». – (27 декабри соли 2021). – Душанбе, 2021. – С.140-142.

**[10-М].** Азиззода, У.А., Калонов, Ф.М. Таълимоти давлатӣ-ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ [Матн] / У.А. Азиззода, Ф.М. Калонов // Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ. – 2022. – №2. – С. 12-20.

**[11-М].** Азиззода У.А., Калонов Ф.М. Ақидаҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ оид ба вазъи ҳуқуқии подшоҳон, вазирон ва амалдорон / Маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ дар мавзӯи “Масъалаҳои назариявии фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон” (5-уми декабри соли 2023) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2023. – С. 72-83.

**[12-М].** Калонов Ф.М. Нақши арзишҳои ҳуқуқиву ахлоқӣ дар таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Конститутсия ҳамчун омили устувории давлат». (Конституция как фактор стабильности государства) (25 октябри соли 2024). Душанбе. 2024.– С. 26-32.

**[13-М].** Калонов Ф.М. Шарҳи мухтасари таълимоти ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзӯи «Нақши Пешвои миллат дар густариши маърифати ҳуқуқии ҷомеа» бахшида ба «Соли маърифати ҳуқуқӣ». (ш. Душанбе, 8 июни соли 2024). – Душанбе: «Хирадмандон», 2025 – С. 305-313.

**[14-М]**. Калонов Ф.М. Шарҳи мухтасари таълимоти ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ оид ба ҳокимият / Ҳуқуқи инсон: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ // Маводи конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» (6 декабри соли 2024). – Душанбе: 2024. – 648 с. – С. 619-624.

**[15-М].** Калонов Ф.М. Ақидаҳои давлатию ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ / Материалы Международной научно-практической конференции XV Ломоносовские чтения «Кооперация науки и национально оррентированных стратегий: цифровая модернизация и иновационное развитие» (22-23 апреля 2025 года). Часть II. Гуманитарные науки. – Душанбе, 2025. – 591 с. – С. 382-387.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**– Маҳмадизода Нозим Давлатмурод** – доктори илмҳои фалсафа, профессор директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи милли илмҳои Тоҷикистон;

**– Қозиён Шариф Қозӣ** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

**– Қодирзода С. М.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Данғара;

**– Мансурзода А. М.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сардори факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои ҳусусияти мубоҳисавидошта пешниҳод шудаанд. Асосан, эродҳо масъалаҳои мубоҳисавии диссертатсия, аз ҷумла муаллиф дар таҳқиқот робитаи мутақобилаи байни ҳуқуқ, ахлоқ таълиф карда, ба воқеияти давр на ҳамчун мутахассиси бахши фиқҳ ва ҳуқуқ, балки ба сифати як мутафаккир баҳо додааст. Маҳз робитаи ин се илм заминаи асосӣ ва бунёди таълифоти мутафаккиронро ташкил менамуд, ки он дар бо ҳам овардани шаклҳои идроки фарҳанги ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва сиёсӣ ифода ёфтааст. Ҳуқуқ "ҳамчун дониш ва илм" метавонад мантиқи ҳуқуқ ва ахлоқу сиёсатро баҳо диҳанд. Ҳарчанд, ки дар дохили зербоби якуми боби се масъалаи мазкур ба тариқи умумӣ матраҳ гардида бошад ҳам ба тарзи мушаххас мушкилоти таснифот ва гуногунфаҳмии онро фаро нагирифтааст, ки мазмуни корро коста намегардонанд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо дарназардошти муқаррароти банди 62 Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 70 ва 74 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаҳои гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда шуд:** Ҳанӯз аз асрҳои миёна шуруъ карда, осори Мир Сайид Али Ҳамадонӣ объекти таҳқиқоти уламо, муаррихон, доира ва ҳавзаҳои адабӣ, инчунин марказҳои гуногуни илмӣ гардида буданд.

– **пешниҳод шудааст:** Дар даврони пуртаззоди имрӯзаи ҷаҳони муосир гурӯҳҳои гуногун, ҳаракатҳои сиёсӣ ва инсонҳои дорои нигоҳи экстремистӣ дини ислом ва эътиқоди одамонро дар аксарият ҳолатҳо ба мақсадҳои ғаразнок ва ақидатии худ истифода мебаранд ва аз ин нуқтаи назар омӯзиши мероси илмии хусусияти ҳуқуқӣ доштаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва мутафаккирони дигари ин сарзамини маърифатпарвар мубрамият ва муҳимияти худро аз даст надода, таваҷҷуҳи муҳаққиқони соҳаҳои гуногуни илм, махсусан ҳуқуқшиносонро ба худ ҷалб кардааст.

– **исбот шудааст:** Мақсади таҳқиқоти мазкурро таҳлили таърихӣ-ҳуқуқӣ ва умуминазариявии ақидаҳои давлатӣ-ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, аҳамияти илмӣ-ҳуқуқӣ, маърифатӣ ва иҷтимоӣ-таърихии таълимоти мутафаккир, аз ҷумла ақидаҳои инсонпарварона, адолатхоҳӣ, ҳуқуқбунёдии ӯ барои истифодаи он дар низоми давлати демократӣ ва дунявии муосир исбот шудааст.

– **ҷорӣ намудани:** Дар шароити имрӯза, ки равияҳои тундгаро ва низоъҳои диниву мазҳабӣ дар баъзе кишварҳо торафт вусъат гирифта истодаанд, аз нав омухтан ва таблиғ кардани осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ниҳоят зарур мебошад. Зеро вай дар асарҳои худ ақидаҳои таҳаммулгаро ва футувватро таблиғ намуда, зиёдаравиро дар ислом маҳкум кардааст.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** Дар раванди гузаронидани таҳқиқоти илмӣ ба осору таълифоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ки дар онҳо ба таври гуногун масъалаҳои давлатию ҳуқуқӣ баррасӣ гашта, бо забонҳои форсӣ, арабӣ, русӣ ва тоҷикӣ нашр шудаанд, такя намудааст. Ба зумраи ин осор китобу рисолаҳои «Захират-ул-мулук», «Асрору-н-нуқта», «Рисолаи аҳлия», «Ҳалли мушкил», «Рисолаи футувватия» ва ғайраҳо дохил мешаванд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** ҷанбаҳои илмҳои фалсафӣ, назарияи фанҳои ҳуқуқӣ (назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи андоз, ҳуқуқи меҳнатӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ), инчунин, дар таҳқиқот усулҳои илмии диалектикӣ, расмӣ-мантиқӣ, таҳлили низомнок, пешгӯии илмӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ самаранок истифода шудаанд:

– **баён шудани** мафҳуми «оила», ҳаққу ҳуқуқи аъзои он, эҳтироми волидайн, муносибати ҳамсарон ва таъсири он ба инкишофи оилаи солим, тарбияи фарзандон ва ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо, муносибатҳои амволии аъзоёни оила, ҳаққи мерос ва ҳолатҳои дигари ба он вобаста андешаҳои ҷолиберо дар асарҳои худ пешниҳод намудааст.

Дар «Захират-ул-мулук» «ҳикмати амалӣ», «таҳзиби ахлоқ», «сиёсати манзил» ва «сиёсати мудун» қисматҳои асосиро ташкил дода, дарбаргирандаи бисёр масъалаҳои ҳуқуқи маданӣ мебошанд;

– **ошкор гардидани** омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз аз солҳои 40-уми асри XX шуруъ гардида буд. Аввалан муҳаққиқони бостоншинос, муаррихон, адабиётшиносон даст ба омӯзиши мақбара ва ҳаёту осори ин мутафаккир зада, доир ба мақбара, симо ва таълифоти мутафаккир таҳқиқотҳои ҷолиберо анҷом додаанд;

– **омӯхта шуданд:** Дар асоси ташаккули ҳамин илмҳои сегона Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ низ бо овардани мисолҳои равшани таърихӣ ва низомҳову сохторҳои мухталифи давлат ва ҳокимият дар давлатҳои пешин ба аъзоёни ҷомеа ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқи инсон, адолати иҷтимоӣ, адолати сарварӣ, воқеияти адолати судӣ ва дигар муносибатҳои ҳуқуқию ахлоқиро нишон дода, амалӣ намудани онҳо ба уҳдаи ҷомеа мегузошт. Бо ишора ба ҳуқуқшиносони қадим ӯ ҳуқуқро ҳамчун илм доир ба некӣ ва адолат барои фарқ кардани бадӣ аз некӣ пазируфта, қариб дар ҳама асарҳояш ба дарки он ишора намудааст.

– **аз нав такмил додани** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «арзишҳои ахлоқи, чун қисми таркибии ҳуқуқу озодиҳои таҳким ёфтаи инсон ва чун кафолатҳои ҳимояи онҳо” баромад мекунад. Чунончи дар моддаи 1-и Конститутсия чунин нишондодҳои категорияи ахлоқӣ чун «зиндагии арзанда» ва «инкишофи озодона»дар моддаи 5- «қадр» ва «номус» дар моддаи 17- баробарҳуқуқӣ дар моддаи 34- ғамхорӣ ва ғайра мавҷуданд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки** натиҷаҳои он метавонад дар раванди такмили қонунгузории оилавӣ ва қонунгузорӣ дар самти ҳуқуқу арзишҳои ахлоқӣ-иҷтимоӣ корбурд шавад:

– **муайян карда шуданд:** Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ яке аз самтҳои асосии идеологияи замони худро дар инсонпарварӣ, авфи гуноҳони якдигарӣ ва бахшояндагӣ мебинад. Ба хотири амнияти саросарии ҷомеа ва пирӯзии адолати судӣ, роҳбарони давлат, мансабдорон, шахсиятҳои алоҳида ва сохторҳо, институтҳои дахлдорро бе гузашти гуноҳҳои якдигарӣ даъват менамояд.

– **офарида шуд:** Ба андешаи Алии Ҳамадонӣ султон бояд ҳукумат ва салтанатро муқаддас шуморад ва онро на ба манфиати шахсӣ ва гурӯҳе истифода барад, балки воситаи саодату некномии худ ва мардумаш бошад. Ӯ қайд мекунад: «... султон аз хатари ҳукумат ва вилоят ғофил набошад ва яқин

донад, ки мансаби иморат ва ҳукумат олотест, ки бад-он олот ҳам саодат ва некномии охиратро метавон касб кард ва ҳам шақоват ва бадномӣ ва гирифтории абадӣ бад-он ҳосил мешавад.

– **муаррифӣ карда шуд:** Аз нимаи дуюми асри XX фалсафаи нави ҳуқуқи инсон тадриҷан ташаккул меёбад, ки ба идеалҳои сотсиал-демократии адолат, ҳамбастагӣ, уҳдадориҳои иҷтимоӣ ва ғайра феҳристи ҳуқуқҳои инсон тавассути дохил кардани ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ асос ёфтааст. Ин раванди такмил, пеш аз ҳама, ба дигаргуниҳои бузурги иҷтимоӣ, ки дар ҷаҳон ба амал омадаанд, афзудани давлатҳои иҷтимоӣ, таҳаввули онҳо аз тарҳи сирф либералӣ ба тарҳи либералии иҷтимоӣ сарчашма мегирад. Маҳз дар ҳамин давра ин ҳуқуқҳо ба конститутсияҳои бисёр давлатҳои Аврупо (Италия, Македонияи Шимолӣ, Полша, Словакия, Словения, Туркия, Хорватия, Чехия ва Черногория) дохил карда шуданд.

– **Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо, инчунин, тавсияҳои амалие, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баён шудаанд, ба сарчашмаҳои қонунгузорӣ ва амалияи судӣ ва мақомоти давлатию ҳифзи ҳуқуқ асос ёфта, онҳо дар заминаи маълумоти гуногуни ҷамъбасти амалияи мақомотҳои давлатӣ ва таҳлили маводи илмию меъёрӣ ба даст оварда шудаанд.

– **барои корҳои таҷрибавӣ:** Инъикоси бевоситаи меъёрҳо ва арзишҳои ахлоқӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазифаи хизматчиёни давлатӣ оид ба риояи ҳатмии меъёрҳои одоби хизмати давлатӣ, қабули кодексҳои одоб дар мақомоти судӣ ва дигари мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мисоли ин гуфтаҳост. Аз ин хотир, ақидаҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар замони муосир аҳамияти илмӣ ва тарбиявӣ доранд.

– **ғоя асоснок шудааст:** Ақидаҳои давлатӣ ва ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ барои рушди илму маориф, фарҳанг, давлатдорӣ, низоми ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ аҳамият доранд. Онҳо дар раванди такмили идоракунии давлатӣ, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиқсозӣ, тарғиби ҳуқуқӣ ва танзими ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ бояд ба инобат гирифта шаванд.

**муайян шудаанд:** Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бовар дошт, ки сифатҳои зишти ахлоқӣ сарчашмаи адовату душманӣ ва бадбахтиву касодӣ мебошанд. Ин андешаҳои мутафаккир, бешубҳа, баёнгари ҷиҳатҳои гуногуни башардӯстонаи ӯ мебошанд. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба рушду такомули шуури ҳуқуқӣ, тарбияи ҳуқуқӣ, идроки ҳуқуқӣ, инчунин поён овардани шиддати «нодонии ҳуқуқӣ» (нигилизми ҳуқуқӣ)-и аъзоёни ҷамъият диққати ҷиддӣ зоҳир намудааст.

– **истифода карда шуданд:** Мутобиқи фасли III Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумат аз 3 марти соли 2006, № 94 тасдиқ шудааст, “ташаккули инсони комил” яке аз мақсадҳои тарбияи миллиро ташкил медиҳад. Бо мақсади таъмини роҳандозии Консепсияи мазкур пешниҳод мешавад, ки ғояи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ оид ба тарбияи “инсони комил” ба инобат гирифта шавад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** Саҳми шахсии муаллифи диссератсия бо навгонии илмии таҳқиқоти илмӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, хулоса ва тавсияҳои амалии муаллиф, мақолаҳои илмӣ, ки дар маҷаллаҳои илмии тавсиянамудаи Комисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашрияҳои дигар нашр шудаанд, ҳамчунин маърузаҳои муаллиф дар конфренсияҳо ва семинарҳои илмӣ-амалии байналмилаливу ҷумҳуриявӣ тасдиқ мегардад

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионӣ аз 16 сентябри соли 2025 қарор қабул карда шуд, ки ба Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №16/шд тасдиқ гардидааст, 12 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 4 нафарашон доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 12 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, 12 нафар овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 12 нафар, муқобил - нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раисикунанда муовини раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Золотухин А.В.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодиров Н.А.

16 сентябри соли 2025